# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе 2025. – 39 саҳ.)**

Дар замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ислоҳоти соҳаи низоми судӣ-ҳуқуқӣ диққати ҷиддӣ равона гардидааст. Алалхусус, бо мақсади ислоҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва сохтории мақомоти корҳои дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барнома ва стратегияҳои давлатие қабул карда шудаанд, ки давра ба давра бо ба роҳ мондани чорабиниҳои зарурӣ талаботи онҳо амалӣ карда мешавад. Албатта, санадҳои меъёрии ҳуқуқии ислоҳотӣ ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти мақомоти мазкурро дар бар гирифтаанд, ки яке аз ҷанбаҳои афзалиятноки онро чораандешӣ ҷиҳати тақвият бахшидан ба ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ бо аҳолӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат ба ҷинояткорӣ ташкил менамояд. Дар иртибот ба ин масъала, яке аз роҳҳои асосии кашфи механизм, шакл ва усулҳои ҳамкории самараноки мақомоти корҳои дохилӣ бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани татбиқи воқеии чораандешиҳои барномавӣ ва ҳалли масоили ҳалталаб ба шумор меравад, ки автореферати таҳқиқоти диссертатсионии Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин маҳз дар доираи таҳлил ва баррасии ҳамин масоил омода гардидааст.

Автореферат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин ба яке аз масъалаҳои

муҳим ва рӯзмарраи аҳаммияти назариявӣ ва амалидоштаи фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус, фаъолияти онҳо дар самти ҳамкорӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ нигаронида шуда, айни замон бо мақсади дар амал воқеӣ гардонидани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ислоҳоти милитсия нақши амиқро сазовор мегардад ва бахри такмили қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Зикр намудан бомаврид аст, ки дар замони таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ ба амнияти давлат, бархурди манфиатҳои миллию байнидавлатӣ, рушди босуръати технологияи муосири иттилоотӣ ва аз ҷониби ташкилкунандагон ва аъзоёни фаъоли гуруҳҳои экстремистӣ ба таври васеъ истифода бурдани чунин технологияҳо, аҳаммияти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар дохили ҳар як давлат бараъло меафзояд. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистонро мебояд, ки аз тамоми имкониятҳо истифода бурда, аз зуҳуротҳои номатлуби болозикр дар эмин бошад.

Таҳлили маъхазҳои илмӣ ва таърихии ташкил ва фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат бо ҷинояткорӣ дар замони гузашта ва ҳозира шаҳодатгари он аст, ки халқ (ҷомеаи шаҳрвандӣ) ба ҳайси сарчашмаи қонунӣ ва қувваи эътимодноки иловагӣ дар ҳалли вазифаҳои ҳифзиҳуқуқии давлат ҷалб карда мешавад. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамчун ниҳоди фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд, ки бо мақсадҳои гуногун, аз ҷумла дар самти мусоидат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба муқовимат ба ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ таъсис дода шуда, фаъолият намоянд. Айни замон ниҳодҳои ҷамъиятии хусусияти ҳифзиҳуқуқидошта (шуроҳои ҷамъиятӣ, дастёрони ихтиёрӣ, шурои собиқадорон) дар назди мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда, дар иҷрои сарбории мақомоти мазкур кумак мерасонанд ва бо ин роҳ манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандиро ҳимоя менамоянд.

Дурнамои чораандешиҳо ҷиҳати тақвияти фаъолияти ниҳодҳои зикршуда, таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқ, мустаҳкам намудани пояҳои бунёдии ҷомеаи шаҳрвандӣ, татбиқи

таҷрибаи пешрафтаи соҳавӣ ва дигар масоили ҳалталаб дар самти ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аз мубрам будани мавзӯъ шаҳодат медиҳад. Новобаста аз он, ки мавзуи мазкур аз ҷониби дигар намояндагони илм (ватанӣ ва хориҷӣ) мавриди таҳқиқоти илмӣ-диссертатсионӣ қарор дода шудаанд, аммо муҳаққиқони хориҷӣ масоили мазкурро хос ба хусусиятҳои миллӣ ва қонунгузории хеш баррасӣ карда, муҳаққиқони ватанӣ бошанд бештар хусусияти батанзимдарории маъмурӣ-ҳуқуқии онро таҳлил намудаанд. Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин таҳқиқи мавзуи илмии хешро дар доираи ду барномаи ислоҳоти милитсия (солҳои 2014-2020 ва 2021-2025) ба роҳ монда, ҳамчунин пешниҳодҳои асоснокшударо ҷиҳати истифода дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии ояндаи ислоҳоти милитсия пешбинӣ намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти илмӣ бо забони тоҷикӣ бо дарназардошти таҳлили ақидаҳои назариявии олимону мутахассисон, муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва муқоисаи онҳо бо қонунгузории баъзе аз давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, таҷрибаи тақвиятёфтаи баъзе аз дигар давлатҳои хориҷӣ ва таҳлили фаъолияти амалии ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ анҷом дода шудааст, ки воқеан метавонад дар ташкили фаъолияти амалии мақомоти дахлдори давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва такмили қонунгузории соҳавӣ истифода бурда шавад. Бо дарназардошти асоҳои дар боло зикршуда мавзуи интихобнамудаи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин, воқеан мубрам ва рӯзмарра маҳсуб меёбад.

Нуктаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия ва хулосаҳои коркардшуда, ки аз натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод гардидаанд, дар ҳалли масоили илмӣ ва амалӣ, ҷиҳати такмил додани ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ

дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ аҳаммияти муҳим дошта, мусбӣ баҳогузорӣ карда мешаванд.

Бояд гуфт, ки мақсад ва вазифаҳое, ки ба зиммаи муаллиф гузошта шудаанд, дар ҳақиқат ба таври комил иҷро гардидаанд. Автореферат ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия мувофиқат намуда, дорои унсурҳои зарурӣ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳои бадастомада дар авотореферат баъзе аз масъалаҳои мубоҳисавӣ низ ҷой доранд:

Аз таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки зербоби дуюми боби якуми рисолаи илмӣ «Асосҳои ҳуқуқии ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ном дошта, дар ин зербоб муаллиф бо дарназардошти таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунии соҳавӣ, аз қабили Қонуни ҶТ «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ва Низомнома «Дар бораи шуроҳои ҷамъиятӣ» изҳор менамояд, ки ниҳодҳои ҷамъиятии дар назди мақомоти корҳои дохилӣ фаъолияткунанда (шуроҳои ҷамъиятӣ, шуроҳои собиқадорон, дастёрони ихтиёрӣ) аз лиҳози ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва фаъолият аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ фарқ менамоянд. Вобаста ба ин, муаллиф дар банди 8-и хулосаи автореферат қайд намудааст, ки дар қатори субъектони ҳамкорикунанда бо МКД, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» пешбинӣ гардидаанд, ба таври алоҳида муайян намудани дастёрони ихтиёрӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ ва шурои собиқадорон ҳамчун субъектоне, ки барои иҷрои вазифаҳои милитсия дар самти муқовимат ба ҷинояткорӣ, дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ кумак мерасонанд, фарқияти байни ниҳодҳои ҷамъиятии зикршударо аз лиҳози ташкилӣҳуқуқӣ нисбат ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ муайян менамоянд. Аммо, дар матни автореферат ба таври возеҳу равшан асоснокӣ оид ба фарқияти хусусияти ташкилӣ-ҳуқуқии ниҳодҳои ҷамъиятии назди мақомоти корҳои дохилӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ пешбинӣ нагардидааст. Аз ин лиҳоз аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки андешаи иловагии худро вобаста ба масъалаи мазкур иброз намояд.

Бояд қайд намуд, ки эроди манзуршуда хусусияти мубоҳисавӣ дошта, ба сифати кор ва ҷанбаи мусбии он таъсири манфӣ намерасонад.

Дар натиҷаи омӯзишу таҳлили мазмуну муҳтавои автореферати мазкур ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дар замони муосир муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гадида, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, он анҷомёфта ҳисобида шуда, ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ дорад. Он натиҷаи кори мустақилонаи муаллиф буда, пешниҳод ва хулосаҳои муаллиф ба рушди қонунгузории соҳавӣ ва ташкили фаъолияти амалии мақомоти дахлдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

Автореферати диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ арзёбӣ мешавад.

Муқарриз:
Судяи суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе
д.и.ҳ. ________________ Муродзода А.А.

Имзои Муродзода А.А. -ро тасдиқ мекунам:
Раиси суди ноҳияи Шоҳмансури
шаҳри Душанбе Мирзозода М.

«18» ____02____ 2026

Суроғаи муқарриз: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи Валаматзода, 15. Тел.:
+992 (37) 227-18-49; +992 (37) 227-77-09.
E.mail: shohmansur.sud.tj